*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар суроғаи 734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад48/5*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзӯи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст.**

Дар давраи истиқлолият иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба мақсад расидан ба рушди устувори иқтисодӣ ба як қатор комёбиҳо саовор гардида истодааст, ки дар он саҳми фаъолияти соҳибкорӣ тавассути хизматрасониҳои маркетингӣ накши басо муҳимро мебозад. Маълум аст, ки самаранокии механизми бозор аз таносуби иқтисодиёт, истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ, захираҳои моддӣ ва молиявӣ, мавҷудияти соҳаҳои устувори саноат вобаста аст, ки ба талаботи истеъмолкунандагон ва пешрафти илму техника мувофиқ бошанд. Дар ин ҳол корхона объекти асосии идоракунӣ ба ҳисоб рафта, фазои иқтисодии он амалан номаҳдуд аст, вале комилан ба қобилияти қорӣ, мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи муҳити иқтисодӣ ва самаранокӣ вобаста буда, фаъолияти он бо хизматрасонии маркетингӣ зич алоқаманд аст.

Таҷрибаи дарозмуддати хизматрасонии маркетингӣ ба таври боварибахш исбот мекунанд, ки дар шароити рақобат танҳо истифодаи самараноки хизматрасониҳои маркетингӣ ба субъектҳои бозор имкон медиҳад масъалаи фурӯши мол ва хизматрасонӣ босамар ҳал шавад. Махсусан, чунин консепсия барои бахши соҳибкории экологӣ ва фаъолияти тиҷоратии он амри зарурӣ ва ниҳоят муҳим ба шумор меравад. Хизматрасониҳои маркетингии соҳаи соҳибкории экологӣ метавонанд барои фаъолияти минбаъдаи он ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Зарурати ҳалли муаммоҳои дар автореферати диссертатсия зикрдида дар марҳилаи кунунии рушди босуботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо мақсади баланд бардоштани саҳми соҳибкории экологӣ дар самти расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ривоҷ додани рақобатпазирии онро дарп бар мегирад. Ҳамин тариқ аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи мушкилоти баёнгардида, инчунин, зарурати дарёфти усулҳои такмил додани механизми мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар бахши соҳибкории экологӣ боиси интихоби мавзуи таҳқиқоти ҳадаф ва вазифаҳои он гардидааст.

Дар автореферати диссертатия фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ хуб дарк карда мешавад, ки он дар шароити муосир хеле муҳим дониста мешавад. Аҳамияти иловагии таҳқиқоти дар автореферат овардашуда аз таваҷҷуҳи бештар ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути фаъолияти маркетингӣ вобаста гардидааст, ки ин асоси мубрамияти мавзуъи интихобшударо дар бар мегирад.

Бо назардошти бартариятҳо дар автореферати диссертатсия хуб мешуд унвонҷӯ ба чунин масъалаҳо равшани меандохт, ба монандӣ:

1. Агар унвонҷӯ нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллиро вобаста ба фаъолияти маркетингӣ дар автореферат мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медод боз хубтар мегардид.
2. Инчунин мебоист оид ба ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ вобаста ба фаъолияти маркетингӣ дар автореферат гирд оварда мешуд мазмуни он боз ҳам такомул меёфт.

Бояд қайд намуд, ки эродхои дар боло зикр шуда, мохияти илмию амалидоштаи автореферати диссертатсияро кам намекунанд ва баръакс хусусияти тавсиявӣ дорад.

Автореферати диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)» ба талаботи “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгу буда, муаллифи он Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru